Марди муъмин аз зани муъмин (ҳамсараш) мутанаффир намешавад, зеро агар яке аз хислатҳои ӯ писандаш наояд, аз дигар хислаташ хушаш меояд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Марди муъмин аз зани муъмин (ҳамсараш) мутанаффир намешавад, зеро агар яке аз хислатҳои ӯ писандаш наояд, аз дигар хислаташ хушаш меояд", ё фармуд: "ғайри он." (яъне, рафтори дигари ӯро меписандад.)
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шавҳарро аз бадбинии ҳамсараш наҳй кардаанд, то ин ки сабаби зулм ва беадолатӣ дар ҳаққаш нашавад, ё ӯро тарк кунад ва нисбат ба ӯ беаҳамиятӣ кунад. Зеро инсон хилқатан дучори ноқисӣ ва камбудӣ аст ва агар аз як хислати номуносиб писандаш наомад, дар ӯ хислати дигаре нек пайдо мекунад, ки писандаш бошад ва бар хислати бадаш сабр кунад ва нисбат ба ҳамсараш кинае ба дил нагирад, ки ба ҷудоӣ ё зулм бианҷомад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3071